**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” доктори илмҳои таърих, профессор
____________Усмонзода Аюб Ислом
“23” 01. 2025с.

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсияи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)

**Мубрамияти таҳқиқот.** Дар муҳити муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ муаммоҳои шароити ташаккул ва амалигардонии ҳамкории пайвастаи падару модари тарбиятгиранда ва муассисаи таҳсилоти томактабӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Ҳалли ин муаммо ба омилҳои зиёд, пеш аз ҳама, ба сатҳи баландшавии сифати тарбияи томактабӣ аз сатҳи ҳамкориҳое, ки байни падару модарони кӯдак ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба миён меояд, вобастагии ногусастанӣ дорад. Самаранокии ин раванд ба воситаи дутарафа ҳамкорӣ кардани волидайни тарбиятгиранда ва муассисаи таҳсилоти томактабӣ зимни мавҷуд будани мақсадҳои муштарак, вазифаи муштараки тарбиявӣ, барномаҳои ҳамгирои тарбиявӣ-таълимӣ барои рушди тарбиятгирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва ғайра ба даст оварда мешавад.

Дар марҳалаи муосир гарчанде баъзе аз шакл ва усулҳои ҳамкориҳо бо падару модари тарбиятгирандаи синнусоли томактабӣ, ки тавассути илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, хусусияти бонизомии фаъолияти мавҷуда ва равиянокии онро ба ҷаҳони ниҳоии таълиму тарбия - ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ дар ҷанбаи иҷтимоию фарҳангии ҷомеа инъикос намекунад.

Муҳиммият ва зарурияти масъалаи мазкур дар таҳқиқи муҳаққиқони муосир И. Арабов, Б. Маҷидова, Т.В. Глушкова, О.И. Давидов, Т.А.

Данилина, Н.В. Додокин, О.Л. Зверeева, Е.С. Авдокимова, М.И. Иззатова, Е.А. Кудрявсева, А.А. Майер, Ш.Ш. Мирзиёева, Н. Платохин, Д.М. Полиева, Н.А. Селезнёва, О. Сафонова, Г.С. Ҷалолова, Р.М. Чумичева, С.Б. Шишова ва дигарон низ инъикос ёфтааст.

Дар ин замина дар илми педагогика масъалаи идоракунии сифати ҳамкории байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳо нисбат ба таҳсилоти умумӣ ва олӣ камтар мавриди баррасӣ карор гирифтааст, гарчанде ки дар адабиёти мавҷудаи илмӣ ва тақвимӣ осори олимони варзидаи тоҷик М. Орифӣ, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, И. Каримова, Б.М. Қодиров, Х. Раҳимзода, Маҷидова, А. Мирализода, А. Нуров, Л.М. Иматзода, Х.М. Сабурӣ, М.И. Иззатова, Н.М. Юнусова, Л.М. Тоҷибоева, М.И. Обидова, Ш.П. Котибова, Г.А. Қурбонова, З.Ш. Қурбонова, С.С. Бобохонова, М.Ҳ. Акрамова ва дигарон ишораҳо ҷой доранд.

Аз ин ҷиҳат, мавзуи интихоб намудаи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила» мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, маҳз ошкорсозӣ ва асосноккунии назариявӣ ва дар озмоиш мавриди санҷиш қарор додани шароит барои идора намудани ҳамкориҳо байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳо ҳадафи асосии рисола маҳсуб меёбад.

Бо вуҷуди ин шакл ва усулҳои ҳамкориҳо бо падару модари тарбиятгирандаи синнусоли томактабӣ, ки тавассути илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, хусусияти бонизомии фаъолияти мавҷуда ва равиянокии онро ба ҷаҳони ниҳоии таълиму тарбия - ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ дар ҷанбаи иҷтимоию фарҳангии ҷомеа инъикос намекунад. Дар ағлаби амсилаву намунаҳо ташкили раванди мутақобилаи роҳбарии босифат кам ба чашм мерасад. Ба таври кофӣ мавҷуд набудани меъёрҳои сифати ҳамкорӣ байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва падару модарон низ дида мешавад.

Зимни таҳқиқот **вазифаҳои зерин** иҷро шуданд:

- муайян ва ошкор кардани моҳият, мундариҷа ва сохтори шароитҳои педагогии ҳамкории МТТ бо оилаҳо.

- таҳия ва озмоиши амсилаи ҳамкории педагогӣ байни МТТ ва оилаҳо, ки ба ҳамоҳангсозии ин муносибатҳо нигаронида шудааст.

- таҳияи меъёрҳо ва муқаррарсозии сатҳи сифати ҳамкорӣ байни МТТ ва оилаҳо, ки ба арзёбии воқеъбинонаи ҳамкории онҳо имкон медиҳад.

- муайян ва тасвиби шароитҳои педагогие, ки ба роҳбарӣ ва идоракунии самараноки сатҳи баланди ҳамкории МТТ бо оилаҳои

тарбиятгирандагон мусоидат мекунад ва дар навбати худ, барои рушди устувор ва ғанӣ гардонидани муҳити таълимӣ замина хоҳад шуд.

Муҳаққиқ Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек мақсади таҳқиқот ва **фарзияи** онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли масъалаҳои мазмун, мундариҷа ва сохти идора намудани ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо, самтҳои асосӣ ва шароитҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оилаҳо, меъёрҳои ҳамкории педагогӣ таҳия ва баҳои воқеии сатҳи ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оилаҳо, мазмуни консепсияи “Идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо”-ро низ дар таҳқиқоти худ роҳандозӣ намудааст.

**Падидаи навгонӣ** ва бозёфти илмии рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш:

- дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ҷанбаҳои асосии мусоидат ба идоракунии самараноки ҳамкории педагогӣ байни муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо ошкор карда шуданд. Махсусан, диққати асосӣ ба маънои муносибати инфиродӣ ба ҳар як оила дода мешавад, ки имкон медиҳад ниёзҳо ва имкониятҳои беназири ҳам кӯдакон ва ҳам волидони онҳо ба назар гирифта шаванд;

- тавсияҳо оид ба ташкили чорабиниҳо ва ҳамкориҳои муштарак таҳия шудаанд, ки ба таҳкими муносибатҳои боэътимод ва ҷалби волидон ба раванди таълим мусоидат мекунанд;

- санҷиши озмоишии амсилаи таҳияшудаи ҳамкории педагогӣ гузаронида шуд, ки ба тасдиқи арзиши амалӣ ва самаранокии он имкон дод;

- таҳқиқот на танҳо заминаи назариявиро ғанӣ гардонд, балки имкон дод, ки тавсияҳои мушаххас барои мураббиён ҷиҳати беҳтар кардани сифати ҳамкорӣ бо оилаҳо ва фароҳам овардани муҳити мусоиду созгори таълимӣ барои кӯдакон таҳия карда шаванд;

- натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳаввулоти минбаъда дар соҳаи идоракунии сифати ҳамкории педагогӣ замина мегузоранд, ки дар шароити ҷомеаи муосир, ки нақши волидон дар тарбия ва таълими кӯдакон торафт пурмазмунтар мегардад, муҳим аст.

**Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳоднамудаи** муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводи назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба

дарки мавкеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби муаллифи рисола дар раванди таҳқиқи мавзуи пажӯҳишаванда як қатор таҳлилҳо ва хулосаҳои ҷолиби назар оварда шудаанд. Андешаронии муаллифи рисола дар бораи он ки зарурияти идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила чун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва психологӣ-педагогӣ қобили қабул буда, бо дарназардошти дарёфти асосҳои назариявию амалии таълим ва амсилаи омӯзгорӣ ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо чун комплекси давраҳо: томутобиқшавӣ мутобиқшавӣ, корҳои методӣ ва ташкилии ба ҳам алоқаманд пешниҳод карда шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назариявӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

- ғояҳои асосии назариявӣ ва амалии ҳамкории муассисаҳои томактабӣ ва оила омӯхта шуда, зарурияти пойгоҳи идоракунии сифати ҳамкории педагогии онҳо асоснок карда шудаанд;

- дар асоси таҳлили муқоисавӣ тавсифи васеи терминологӣ мазмуни мафҳумҳои “Сифат”, “Сифати таҳсилот”, “Сифати таҳсилоти томактабӣ”, “Ҳамкорӣ” дода шуда, бо ин васила пойгоҳи ташкилшуда ба ғанӣ гаштани мавзуи таҳқиқот мусоидат мекунад;

- амсила ва шароитҳои педагогӣ барои идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила тавассути марҳилаҳои ба хам алоқаманд, намудҳои мутобиқшавӣ ва истифодаи маҷмӯи шаклҳои ҳамкорӣ ба самаранокии раванди мазкур мусоидат намуд.

- меъёрҳо ва сатҳи ҳамкории педагогии муассисаҳои томактабӣ ва оила ҳамчун натиҷаи мақсадноки ҳамкории мутақобила коркард шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқотро** натиҷа ва дастовардҳои кори озмоишӣ, заминаи психологӣ - педагогӣ, сифати идоракунӣ ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва волидон ташкил дода, роҳҳои ҳамкории мутақобиларо фаро мегирад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқотро дар муҳити кӯдакистон ва оила бо истифода аз технологияи

педагогии тавсифшуда амалӣ кардан мумкин аст. Инчунин натиҷаҳои дар рисола бадастомада ҳангоми омӯзиши фанҳои “Психологияи бачагона”, “Психологияи муносибатҳои оилавӣ” ва дигар фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст. Маҳсули рисолаи мазкурро баҳри омодасозии босамари кормандони муассисаҳои томактабӣ, оилаҳо, донишҷӯён, шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои томактабӣ, баланд бардоштани маърифати тарбиявии волидон вобаста ба шаҳр ва минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишии муаллиф равшану возеҳ нишон доданд, ки дар амалия истифодаи усулҳои рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила, ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии томактабиён мебошад, зеро истифода аз онҳо машғулиятро шавқовар ва замонавӣ мегардонанд.

Дар натиҷаи омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявӣ ва гузориши корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба мавзуи пажӯҳиш, муаллиф имконият пайдо намудааст, ки мавқеъ ва нақши идоракунии сифатии ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва волидонро дар тарбияи фарзандон муайян намуда, хулосаю тавсияҳои асоснок ва муҳими илмӣ коркард намояд.

Муаллифи рисола Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар ҷараёни таҳлили маводи бисёр ва пурарзиши гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш бо осори таҳқиқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои гирдовардааш иқтибосҳо овардааст.

Хеле бамаврид аст, ки саҳми шахсии довталабро барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар соҳаи таҳқиқот бо таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот, пайвастагии мувофиқи тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ муайян карда мешавад. Таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумоти бадастомада, истифодаи маҷмӯи усулҳои марбут ба ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш, татбиқи консепсияи “Идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо” ҷиҳати ташаккули усулҳои рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила, аз қабили интихоби барномаҳои ҷолиби компютерӣ, бозиҳо, презентатсияҳо, филмҳо, ки ба рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила мусоидат мекунанд, ҳамкорӣ намудани мураббиёни муассисаҳои томактабӣ бо волидон дараҷаи ақидаҳои онҳо дар бораи муҳимияти густариши ҳамкориҳоро дар раванди таълим собит намуд.

Натиҷаҳои ҳосилшуда метавонад чун базаи иттилоотӣ барои таҳияи монография ва дастурҳои таълимӣ - методӣ аз рӯйи мавзуи марбут ба шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила истифода шаванд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи асосӣ ва феҳристи адабиёти таҳқиқӣ иборат аст.

Муаллифи рисола дар муқаддима оид ба мубрамии масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш ва сарчашмаи мавод, навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот мулоҳизаронӣ кардааст.

**Дар боби якуми рисола**, ки «Ҷанбаҳои назариявии рушди ҳамкориҳои самараноки муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо волидони тарбиятгирандагон» номгузорӣ шудааст, масъалаҳои моҳияти масъалаи ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо волидони тарбиятгирандагон ҳамчун падидаи илмӣ; рушди ҳамкорӣ ва муносибатҳои мусоиди МТТ ва падару модар дар ин раванд ва таҳлили афкори педагогии муосир доир ба масъалаи ҳамкориҳои муассисаи таълимии томактабӣ, оила ва меъёрҳои сифатии идоракунии онҳо баррасӣ гардидаанд.

Дар боби мазкур муаллифи рисола ташаккули мафҳуми ҳамкориҳо, ашколи гуногуни ҳамкориҳо бо падару модари тарбиятгирандагони МТТ, муносибатҳои педагогҳои ботаҷриба бо оилаи кӯдакон, ҳар як меъёри сифати идора кардани муассисаҳои таълимӣ ва ғайра ҳамаҷониба таҳлил намудааст. Дар асоси ин, дар рисола бахшҳои асосии ҳамкории дуҷонибаи волидайн бо коллективи педагогӣ муайян гардидаанд ва равишҳои он такмили худро ёфтаанд: бахши шаклҳои таҳсил, кори мушаххаскунонию маърифатӣ, бахши кори якҷояи фароғӣ, қисми ашколи аёнии ҳамкориҳо, қисми ҳамкориҳои интернетӣ, қисми ашколи ғайрианъанавӣ, қисми ашколи ҷалб кардани волидайн ба идоракунии МТТ. Аз ҷониби муаллиф қайд шудааст, ки дар фарҷоми таҳқиқи асосҳои

назариявии масъалаҳои муносибати ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оилаҳо зарурати муайян намудани сатҳу дараҷаи ҳамкорӣ тавассути меъёрҳои сифати идоракунии раванди мазкур ба вуҷуд омад. Ҳар як нишондиҳандаи ин ё он меъёри сифати ҳамкориҳо унсури муҳими ҷараёни мазкур буда, ба тағйир додану дигаргун сохтани системаи муносибатҳо дар ҳамкориҳои педагогӣ қодиранд.

Дар боби мазкур муаллифи рисола хулоса намудааст, ки ҳар як меъёри сифати ҳамкориҳоро дар асоси талаботҳо ба салоҳиятнокии субъектҳои ҷараёни таълиму тарбия – ташаккули донишу маҳорату малакаҳои иштирокчиёни раванди ҳамкориҳо (волидайн, мураббиён, маъмурият) ба воситаи нишондодҳои ташхисшаванда дар сатҳҳои пасту миёна, баланд ҷудо шуда, ба рӯйхати санҷишӣ шомил гардидаанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия**, ки «Корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ оид ба рушди ҳамкории педагогии муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо оилаи тарбиятгирандагон» ном дорад, масъалаҳои муқарраркунии дараҷаи сифати ҳамкориҳои педагогӣ байни муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оилаи тарбиятгирандагони муассисаи таҳсилоти томактабӣ; шароитҳои педагогии баланд бардоштани сатҳи сифати ҳамкориҳои муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳои тарбиятгирандагон ва баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои кори озмоишию таҷрибавӣ доир ба инкишофи ҳамкориҳои педагогии муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо оилаи тарбиятгирандагони муассисаи таҳсилоти томактабӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Дар чаҳорчубаи боби мазкур кори озмоишию таҷрибавӣ дар чор самт ҷараён ёфтааст ва ҳар як самт ин ё он гурӯҳи субъектҳои ҷараёни таълиму тарбияро дар назар доштааст. Тамоми чорабиниҳои таҳиягардидаю гузаронидаи муаллиф тибқи амсилаи идоранамоии сифати ҳамкориҳо ба беҳгардонии сатҳи сифати ҳамкориҳои педагогӣ байни муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оилаи тарбиятгирандагони муассисаи таҳсилоти томактабӣ равона гардидааст. Дар ин боб баъд аз иҷрои давраи ташаккулдиҳандаи озмоишӣ меъёрӣ сифатнокии ҳамкориҳои педагогиро миёни педагогу падару модарон дар заминаи талаботҳо ба салоҳиятнокии субъектҳои ҷараёни таълиму тарбия мавриди таҳлили такрорӣ қарор гирифтааст. Ташкилнамоӣ ва амалинамоии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ду марҳила ва дар гурӯҳ ба роҳ монда шуданд: ташаккулдиҳанда ва назоратӣ. Аз ҷониби муаллифи рисола бо мақсади таъмини ташхиси ҳамкории волидайн бо муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ нишондиҳандаҳо ва методҳои алоҳида интихоб ва коркард карда шудаанд. Корҳои озмоишӣ тариқи пурсишномаҳо, гузаронидани дарсҳои назоратӣ, суҳбатҳо бо гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон, волидайн, омӯзгорон гузаронида шудааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, мувофиқ карда шуданд. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмӯаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Арзёбии муҳими диссертатсия на танҳо дар мураттабии баёни фикр ва забони фасеҳи он, баёни мантиқии фикр ва ақидаҳои асоснокро мансуб донистан, инчунин дар пешниҳодҳое, ки метавонанд ба сифати дастовардҳои нави илмӣ дар соҳаи илми педагогика дониста шаванд, ифода меёбад. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи Давлатбекзода Вайсиддин, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштташудаpo ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин карда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешаванд, ки зикри он ислоҳи минбаъдаи онҳо, боиси боз ҳам баланд бардоштани мазмун ва сатҳу сифати рисолаи илмӣ хоҳад буд:

1. Дар рисола таҳлили Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи истифодаи шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила мушоҳида нагардид. Дар ин бобат довталаби дараҷаи илмӣ фикру ақидаи худро иброз медошт, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид. Ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар менамуд.

2. Дар матни ҳам рисола ва ҳам фишурдаи диссертатсия муҳаққиқ тавсияҳои методиро васеътар барои падару модарон, равоншиносону педагогҳо ва истифода дар системаи такмили ихтисоси мураббияҳо барои омӯзиши минбаъдаи масъалаи мазкур пешниҳод мекард, муҳтавои рисола боз ҳам мубрамтар мегардид.

3. Агар дар рисола доир ба муаммо ва мушкилоти мавҷудаи ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оилаҳо дар бобати

тарбияи фарзандон ва роҳҳои бартараф намудани онҳо бештар маълумот дода мешуд, сифати рисола боз ҳам болотар мегардид.

4. Дар баъзе саҳифаҳои рисола хатоҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо бар фоидаи кор аст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруририро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 8 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 6 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шуда, ба чоп расидаанд.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ) кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифиён Муқаддас Холиқзода мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ 13 нафар иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” 13 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 13 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 23.01.2025, №6).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” — Луфов Мансурбой Тоймуротович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабӣ — Шарифиён Муқаддас Холиқзода

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ - назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабӣ — Собирова Назирахон Солиҷоновна

23.01. 2025

**Маълумот барои тамос:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон: ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков, 1; Тел: (+992) 34 226-52-73;
E-mail: rector@hgu.ru, www.hgu.tj

Имзои М.Луфов, М.Шарифиён, Н.Собироваро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ____________ Сайдуллозода З.С.